**Тақризи**

**Муқарриз Маҳмадов Убайдулло Давлатович ба рисолаи номзадии унвончӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ба номи Носири Хисрави шаҳри Бохтар Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзӯи «Фаъолияти «Биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941).-Душанбе.-162 саҳ.**

Дар таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон ҷои намоёнро «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст - гурӯҳҳои пешрафтаи синфи коргари Русия ишғол мекунанд. Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҳукумати Шуравӣ аз вазифаҳои бартараф намудани қафомонии иқтисодӣ ва тараққиёти пуравҷи тамоми хоҷагии халқи ҷумҳурӣ баромада, барои тезондани тараққиёти колхозҳо ва тараққӣ додани обёрӣ ва заминкушоӣ дар Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешиданд.

Барои татбиқи сохтмони обёрикунӣ ва рушди кишоварзӣ дар Тоҷикистон шароити мусоиди табиӣ, алалхусус фаровонии об, офтоб, захираҳои меҳнатӣ мавҷуд буданд. Аммо халқи тоҷик дар он солҳои душвор танҳо бидуни кумаки беруна ин вазифаи душвортаринро ҳал карда наметавонист. Барои ҷумҳурӣ шумораи зиёди техника, коргарон, мутахассисон ва одамони босавод лозим буданд.

Маълум аст, ки баробари таъсиси давлати шӯравӣ, сохтмони саноатӣ ва роҳсозӣ, дигаргунсозии соҳаи кишоварзӣ, сохтмони иншооти обёрӣ ва азхудкунии заминҳо дар Тоҷикистон оғоз ёфт, ки ин андешидани чораҳои қатъии бузургро талаб мекард. Дар мадди аввал татбиқи коллективонии хоҷагии деҳоти ҷумҳурӣ ва ташкили низоми колхозӣ меистод. Коллективонӣ марҳилаи табиӣ ва ногузири сохтмони сотсиалистӣ буд. Бе коллективонӣ ҳалли мушкилоти дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ғайриимкон буд.

Масъалаҳои марбут ба фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст, ки дар адабиёти илмӣ инъикос ёфтаанд, бо мушкилоти саноаткунонӣ, тағйироти кишоварзӣ ва тарбияи кадрҳои миллии Тоҷикистон алоқамандии зич доранд. Дар ҷумҳурии мо ин ихтиёриён кори самаранокро барои расонидани кумаки бародарона ба тоҷикон дар шароити душвортарини давраи гузариш оғоз карданд.

Биступанҷҳазориён дар бунёди колхозу совхозҳо, иттиҳодияҳои гурӯҳӣ, ташкили чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ дар деҳот ва ҷалби оммаи деҳқонон ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва чорабиниҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ фаъолона ширкат варзиданд. Фиристодагони Федератсияи Русия ба меҳнаткашон дар ташкилотҳои ҳизби коммунистиву шӯроӣ ва хоҷагӣ дар мустаҳкам намудани хоҷагиҳои суст ва интизоми меҳнат кумак расонданд.

Онҳо дар байни аҳолии деҳот корҳои оммавӣ-сиёсӣ ва маданӣ-равшаннамоӣ бурда, ба фаъолони колхозҳо дар бобати ба тартиб даровардани ҳисобу китоби моликият, ёри расондан дар дуруст тақсим кардани қувваи корӣ ва ҳамчун ташкилотчиёни мусобиқаи сотсиалистӣ баромад карданд.

Ба андешаи ман, омӯзиши комил ва ҳаматарафаи фаъолияти бистуҳанҷҳазориён ва саҳми онҳо дар амалӣ сохтани се барномаи муҳташами давлати шӯравӣ - саноатикунонии мамлакат, коллективонии хоҷагии қишлоқ ва инқилоби маданӣ дар Тоҷикистон, ки то имрӯз ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст, барои боз ҳам васеътар инъикос намудани таърихи замони шӯравии Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест.

Рисолаи мазкури диссертатсионӣ дар асоси омӯзиш ва таҳлили маводи бойгониҳои ҳизбӣ ва давлатии ҷумҳурӣ, дастовардҳои таърихнигорӣ ва ёддоштҳои иштирокчиёни сохтмони колхозӣ дар Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Дар таърихнигории Тоҷикистон ин мавзӯъ қисман ва дар бобҳои алоҳида ҳангоми инъикоси масъалаи коллективонии хоҷагии қишлоқ баррасӣ шудааст: аз ҷумла дар асарҳои бунёдӣ ва маҷмуаҳо, асарҳои инфиродӣ ва мақолаҳои илмӣ.

Дар солҳои 1960-80-ум дар таърихнигории Тоҷикистони Шӯравӣ як қатор асарҳои дастаҷамъӣ ва монографияҳои инфиродӣ оид ба коллективонии хоҷагии қишлоқ ва сохтмони колхозӣ, масъалаҳои сохтмони ирригатсионӣ дар Тоҷикистон пайдо шуданд.

Дар доираи баёни мавзуот дар ин асарҳо фаъолияти бригадаҳои сарпараст ва бистуҳанҷҳазориён дар Тоҷикистон қисман инъикос ёфтаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба истисноӣ асари А.Русаков, ҳамаи муаллифони дигар масъалаи мазкурро дар ҷараёни фарогирии мавзӯъҳои асосии худ ва ба андозаи нопурра баррасӣ кардаанд. Танҳо А. Русаков дар асоси таҳлили далелҳои мушаххас ҷанбаи муҳими кори коргарон - бистуҳанҷҳазориёни Русияро, ки дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон, дар самти ҷорӣ намудани низоми нави муносибатҳои истеҳсолии сотсиалистӣ, ташкили иттифоқи синфи коргар ва деҳқонони тоҷик анҷом дода буданд, мухтасар баён карда аст. Қарори Пленуми ноябрии (1929) Комитети Марказии ҳизби коммунистӣ дар бораи зарурати фиристодани бистуҳанҷҳазориён - коргарони Русия ба Осиёи Миёна бори аввал дар китоби «Таърихи коллективонии хоҷагии қишлоқ ва таъсиси низоми колхозӣ дар Тоҷикистон» қайд карда шудааст.

Саҳми муҳаққиқ Абулҳаев Р.А. дар соҳаи сохтмони хоҷагии об дар маҷмӯъ, алалхусус дар водии Вахш, сазовори таваҷҷӯҳ аст. Олим дар тадқиқоти худ маҷмӯи масъалаҳои марбут ба обёрии ин водиро омӯхта, масъалаҳои кумаки коргарони Русия, аз ҷумла бистуҳанҷҳазориёнро ба

мардуми тоҷик дар татбиқи барномаи ҳизб ҳангоми сохтмони Вахшстрой баррасӣ ва воқеъбинона фаро мегирад.

Муаллиф аз он ҷиҳат ҳақ аст, ки қувваи асоси системаи обёрии Вахш дар ибтидои солҳои сиюм аз кормандони муҳандисию техникӣ иборат буд, ки аз минтақаҳои маркази кишвар, пеш аз ҳама аз Федератсияи Русия ба сохтмон омадаанд. Маълумоти муҳим дар бораи лоиҳаи обёрии водии Вахш дар асарҳои Қосимов А., Ҳамроев М. низ ҷой дорад.

Аз ин ҷиҳат унвонҷӯ Мирзоев Ғолибшо Шарифович мавзӯи муҳим, актуалӣ ва арзишмандро барои таърихи халқи тоҷик ба ҳайси рисолаи илмӣ бо унвони « Биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)"интихоб кардааст.

Мубрамияти мавзуъ дар он низ зоҳир мегардад, ки омӯзиши таҷрибаи замони гузашта дар татбиқи накшаҳои имрӯзаи Ҳукумати Тоҷикистон метавонанд чун таҷрибаи таърихӣ кумак намоянд. Дар шароити татбиқи чаҳор хадафи стратегии кишвар, ба инобат гирифтани таҷрибаи замони индустрикунонӣ ва коллективонии хоҷагии халқи мамлакат, ба андешаи мо, хеле муфид хоҳад буд. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2021 зикр намуданд, «сохтору мақомоти дахлдорро зарур аст, ки стратегияву барномаҳои соҳавиро пурра татбиқ намуда, доир ба рушди тухмипарварӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмин намудани рушди саноати коркард ва хӯрокворӣ, инчунин, тақвияти иқтидори содиротии кишвар тадбирҳои саривақтӣ андешанд».

Дар муқаддима унвонҷӯ мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда, сатҳи омӯзиш ва таҳқиқотро аз тарафи муҳаққиқон ва шахсиятҳои алоҳида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии рисола, манбаъҳои асосии таҳқиқот, навгониии илмии он, нуқтаҳои асосиаш ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола ва тавсиби натиҷаҳои тадқиқоти хешро мушаххас баён намудааст.

Навгонии илмии тадқиқоти мазкур аз он иборат аст, бори нахуст дар даврони соҳибистиқлолӣ раванди ба Тоҷикистон омадан ва ҷобаҷокунии «биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст нишон дода шуда, саҳми онҳо дар рушди саноати кишвар муайян карда мешавад. Инчунин,нақши «биступанҷҳазориён» дар рушди соҳаи аграрии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Муҳимтарин дастовардҳои илмӣ-таҳқиқоти унвонҷӯ Мирзоев Ғ.Ш. дар ин рисола ҷамъбасти хулосавии ҳар як зерфасли он мебошад, ки ҷолиб ва мавриди таъкиди махсус аст. Ин ҷиҳати нигориши он аз ҷустӯҷуйҳои илмӣ,

мустақилияти фикрӣ ва навоварию навгӯии муаллиф дарак медиҳад. Мазмун ва муҳтавои дохили рисола бо мавзӯоти бобҳо ва зерфаслҳо тарҳрезӣ шуда ва рӯйхати адабиёт пурра мувофиқат менамоянд.

Дар қатори ин ҳама муваффақият ва дастовардҳои хуби илмӣ дар рисола баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо қимати онро меафзояд:

1.Баъзе мафҳумҳои русӣ ҷой дорад, яъне хатогиҳои имлоӣ дида мешаванд

2.Маълумот оиди иштироки биступанҷҳазориён дар таъсис ва ташаккули саноати ҷумҳурӣ мукамал нест

3. Инъикоси фаъолияти биступанҷҳазориён дар рӯзномаҳои даврӣ дар солҳои 30-уми асри XX дида мешавад, аммо дар рисола ба таври кофӣ истифода нашудааст.

Новобаста аз ин камбудиву норасоиҳои зикршуда, рисолаи Мирзоев Ғ.Ш бо унвони « Биступанҷҳазориён» ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941) » кори илмии анҷомёфта маҳсуб шуда, ба «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ»_ро , ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст,мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ба ӯ додани унвони илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- таърихи ватанӣ мебошад.

Номзади илмҳои таърих: Маҳмадов У. Д

Имзои номзади илмҳои таърих, Маҳмадов У.Д-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Шӯъбаи кардҳои
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Назаров Д.

18.04.22